/

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бобоев Олимҷон ба диссертатсияи Давлатов Бахтовар Шамсуллоевич дар мавзӯи “Такмили иструмеитҳои иттилоотиву таҳлилии идоракунии нақлиёти ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои гирифтани унвонии илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо ва комплексҳо) пешниҳод карда шудааст**

Давлатов Бахтовар Шамсуллоевич аз соли 2016 дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба ҳайси ассистент, муовини декани факултаи “Иқтисоди молиявӣ ва андозбандӣ ” кор мекунад.

Соли 2016 Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси “Технология ва низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёт” хатм намуда, ҳамон сол ба ҳайси ассистенти кафедри “Система ва технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт” ба кор шурӯъ намудааст.

Аз соли 2017 ба ҳайси унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда, дар муддати муқарраркардашуда кори диссертатсиониро ба итмом расонидааст.

Доираи манфиатҳои илмии Давлатов Б.Ш. омӯзиши баланд бардоштани фоиданокии ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои авиатсионӣ, таъсири кори нақлиёти ҳавоӣ ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа ва такмили абзори таҳлили низоми идоракунии ин соҳа мебошанд.

Унвонҷӯ усулҳои ҳозиразамони риёзӣ ва таҳлилии таҳқиқи иқтисод ва истифодаи онҳоро дар рафти корҳои илмӣ-теҳқиқотӣ хеле хуб аз худ намудааст.

Унвонҷӯ аз натиҷаҳои тадқиқотҳои илмӣ нисбати мавзӯи номбаршуда 8 мақолаҳои илмӣ чоп намудааст, ки 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Давлатов Б.Ш. худро ҳамчуни тадқиқотчии тахассуснок бо донишҳои баланди назариявӣ дар соҳаи истифодаи абзори нави ташкил ва идоракунии соҳаи авиатсияи граждании кишвар нишон дода аст.

Мавзӯи диссертатсияи муаллиф мазмуни баланди илмӣ ва амалӣ дошта, ба таҳқиқи масъалаҳои кам омӯхташудаи раванди табдилёбии сохтории иқтисоди миллӣ ва васеъ гардидани миграцияи аҳолии кишвар, таъминоти аҳолӣ бо нақлиёти ҳавоӣ ва таъсири он ба сатҳи зиндагии аҳолӣ ва рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Нисбатан васеътар дар диссертатсия асосноккунии интихоби мавзӯъ, мубрамияти он, аҳамияти назариявӣ ва амалии он, муайянсозии навгонии илмии таҳқиқот, объект ва предмети тадқиқотро дар бар гирифтаанд.

Дар боби 1 "Асосҳои назариви ва методологии таҳқиқоти идоракунии соҳаи нақлиёти ҳавоӣ дар шароити муосир" масъалаҳои нақлиёти ҳавоӣ чун объекти низоми мураккаби идоракунӣ, муҳтаво ва механизмҳои идоракунии соҳаи нақлиёти ҳавоӣ ва рушди нақлиёти ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқи муаллиф қарор гирифтаанд.

Дар боби 2 "Арзёбии ҳолати идоракунии фаъолияти фурудгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми иттилооти онҳо" баррасӣ гардида, таҳлили қиёсии ҳолати муосири соҳа ва дурнамои истифодабарии фазои ҳавоӣ бо мақсади рушди транзит, таҳлили ҳолати муосири рушди нақлиёти ҳавоӣ дар кишвар гузаронида шуда, муаммоҳои расонидани фурӯши хизматрасониҳои нақлиёти ҳавоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди арзёбӣ қарор дода шудаанд.

Дар боби 3 "Самтҳои асосии такмили инструментҳои системаи иттилоотиву таҳлили идоракунии соҳаи нақлиёти ҳавоии Тоҷикистон" мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор дода шуда, татбиқи инструментҳои муосири таҳлили стратегӣ ва пешгӯии талабот ба ҳамлу нақли ҳавоӣ гузаронида шуда, роҳҳои такмили инструменти таҳлили идоракунии фаъолияти тиҷоратии фурудгоҳҳо муайян карда шудаанд.

Ба сифати пойгоҳи эмпирикии таҳқиқот унвонҷӯ аз маълумотҳои зиёди оморӣ истифода бурда, тавассути онҳо қонуниятҳои ошкоршуда пурра маънидод карда шудаанд.

Иштироки бевоситаи муаллиф дар таҳияи номи мавзӯ, ҳадафҳо ва вазифаҳои таҳқиқот, дарёфти маълумотҳои зарурӣ, интихоби объект ва предмети тадқиқоти диссертасионӣ, навиштани мақолаҳо ва баромад дар конфронсҳо ва семинарҳо ифода меёбанд.

Дарёфтҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии дар диссертатсия ҷойдошта, натиҷаи дарки назаряви ва таҷрибаи амалии муаллиф мебошанд.

Тавсияҳои асосноки Давлатов Б.Ш. метавонанд дар рафти татбиқи стартегияи рушди соҳаи нақлиёти ҳавоии кишвар истифода бурда шаванд; баъзе аз хулосаҳои муаллиф то ба сатҳи тавияҳои конкретӣ расонида шудаанд, ки метавонанд ба сифати таклиф барои такмили системаи информатсионӣ ва аналитикии комплекси нақлиёти ҳавоӣ истифода бурда шаванд.

Боварӣ дорам, ки Давлатов Б.Ш. аз ӯҳдаи иҷрои ҳадафи дар назди диссертатсия гузошташуда бо муваффақият баромада тавонистааст.

Кори илмӣ-таҳқиқотии пешниҳодшуда мантиқан хотимаёфта буда, як қатор равандҳои нави омӯзиши паҳлуҳои иҷтимоӣ-иқтисодии рушди соҳаи авиатсияи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар гирифтааст.

Мазмун, мундариҷа ва сифати таҳияи кори диссертатсионӣ ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ихтисоси илмии 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо мувофиқат мекунанд

ва муаллифи он Давлатов Бахтовар Шамсуллоевич ба гирифтани унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ҳамин ихтисос мувофиқат мекунад.

Кори диссертатсионии Давлатов Б.Ш. барои ҳимоя ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-17 назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тавсия дода мешавад.

**Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи Идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди ПрезидентиҶумҳурииТоҷикистон** **Олимҷон Бобоев**

Суроға: к. Р.Набиев, 30; Тел.:805555552
E-mail: boboev52@mail.ru

*Имзои д.и.и., профессор Бобоев О.-ро тасдиқ мекунам:.*

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ҳамидов Ш.Б.**